Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиаи Чумхурии Точикистон дорои заминаи мустахками техникӣ ва чомеаи мехнатии корозмуда буда, дар сафи худ садхо хазор аъзои ихтиёриро муттахид менамояд. Ниходи мазкур барои Куввахои Муссалахи кишвар хазорон нафар чавонони синни даъватиро сохибкасб намуда, ба хифзи Ватан равона намудааст.      Чихати тайёрии тодаъватии чавонон бошад, мачмӯи тадбирхои таргиботӣ ва харбӣ-варзиширо амалӣ мекунад, ки мохияти ватандӯстӣ дорад. Имрӯз Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиаи Чумхурии Точикистон бо нерӯи тавонои эхтиётии Артиш, мактаби мардонагию ватанпарастӣ, боргохи мутахассисони харбиву мулкӣ ва манбаи рушди намудхои харбӣ- техникии варзиш табдил ёфта, дар тамоми каламрави чумхурӣ бо инфрасохтори мучаххази моддӣ-таълимӣ ва харбӣ-варзишӣ сохиб гардидааст.

Мактабхои муттахидаи техникӣ ва автомобилии Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиа барои тайёр намудани мутахассисон ба хизмат дар сафхои КМ аз хисоби чавонони аз комисариатхои харбӣ роххатгирифта, махсус гардонида шудаанд. Афзалияти ин икдом дар он аст, ки даъватшавандагон аз хисоби маблаггузории давлатӣ сохиби тахассус гашта, минбаъд онро ба нафъи артиш истифода мекунанд. Натичахои фаъолият дар ин самт собит мекунад, ки бо шарофати ин икдом муассисахои таълимии Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиа накшаи мукарраршударо ичро намудаанд.

Айни хол аз чониби рохбарияти ташкилот вазифагузорӣ шудааст, ки сифати омодасозии мутахассисон барои эхтиёчоти артиш боз хам боло бардошта шуда, номгӯи ихтисосхо аз рӯи зарурат ба хизмати харбӣ муайян карда шаванд.

Чихати тайёр намудани мутахассисони сохибмалака дар муассисахои таълимии тобеи Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиа баланд бардоштани сифати таълим мавзӯи асосӣ ва халкунанда аст. Зеро сифати баланди омодасозии мутахассисон барои эхтиёчоти Куввахои Муссалах чумхурӣ вазифаи аввалиндарача ба шумор рафта, омили мухими таъминоти иктидори мудофиавии Ватани махбубамон ба шумор меравад.

Гузариш ба усули электронии омӯзиш дар муассисахои таълимии ташкилот аз нахустин кадамхост, ки ба рох монда шудааст. Кобили кайд аст, ки таълим дар ин самт аз мачмӯи дастгоххои сохавӣ, аз кабили мултимедиапроэктор, барномаи литсензияшудаи компютерӣ, дастгохи таълимии омӯзишии ронандагӣ ва дигар кисмхои иловагӣ иборат буда, дар муасисахои таълимии Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиаи Чумхурии Точикистон бо чорӣ намудани чунин амалхои начиб пешравихо дида мешавад.

Мактаби вилоятии муттахидаи техникии вилояти Хатлон аз чумлаи он мебошад, ки дар миёни муассисахои таълимии ташкилот дорои пойгохи моддӣ-техникии васеъ ва мукаммал аст. Имрӯз дар ин мактаб ду синфхонаи намунавии таълим бо назардошти талаботи барномаи амалкунандаи таълимӣ ва талаботи замони муосир ташкил карда шуда, дар истифодаи касбомӯзон карор дорад.

Маврид ба зикр аст, ки максади ягонаи Ташкилоти чамъиятии мададгори мудофиаи Чумхурии Точикистон, рӯхияи харбӣ-ватандӯстӣ, омодагӣ ба хизмат дар сафи Куввахои Муссалах, далерию чолокӣ ва мардонагию зиракии сиёсӣ, тарбия намудани чавонони бо нангу номуси миллат аст. Аз ин рӯ, кормандони он тамоми донишу малака ва истеъдоди хешро ба ин максад равона менамоянд.